## Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвончӯйи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX»**

Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф фаъолияти омӯзгориро пас аз хатми факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (соли 1997) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и шаҳри Бохтар оғоз намуда, то соли 2006 дар муассисаи зикршуда ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Солҳои 2006 то соли 2011 дар Қасри фарҳанги вилояти Хатлон ба ҳайси корманди хонаи маданият фаъолият намудааст. Аз моҳи августи соли 2011 то ин ҷониб ҳамчун саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён фаъолият менамояд.

Ҳанӯз дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф ба масъалаи омӯзиши рӯзгор ва осори адабии намояндагони адабиёти тоҷик таваҷҷуҳ дошт. Аз ин ҷост, ки ӯ мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» -ро интихоб карда, вобаста ба ин тадқиқоти илмӣ анҷом додааст.

Мазмуни асосии диссертатсияи унвонҷӯ Шарифзода Ёрмуҳаммад Шарифро саҳму мақоми Мирзо Ҳайити Саҳбо дар ташаккули адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX ташкил медиҳад. Диссертатсияи мазкур дар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода шудааст. Диссертатсия дорои аҳамияти назарии мушаххас буда, он барои омӯзишу пажӯҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти классикии тоҷик, дар мисоли зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо мусоидат карда, халои дар ин замина ҷойдоштаро дар адабиётшиносии тоҷик ба андозае пурра мегардонад. Барои ҳамин ҳам, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аз аҳамияти вижае бархӯрдор аст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯйи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буданаш (солҳои 2018-2023) Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф худро ҳамчун муҳаққиқи фаъол, ташаббускор нишон дода, дар дарсҳои омӯзгорони унвони илмидошта фаъолона ширкат варзида, таҷрибаи кории худро истеҳком мебахшад. Дар ин давра имтиҳонҳои минимуми номзадиро бомуваффақият супорид.

Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар конференсияҳои илмиии муассисавию ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат меварзид ва аз натиҷаи тадқиқоти илмиаш мунтазам бо маърузаҳои илмӣ баромад мекард, ҳамзамон, таҳқиқоти хешро бомуваффақият ба анҷом расонид.

Пажӯҳиши диссертатсионии мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти фарогиру густарда мебошад, ки дар он масъалаҳои

алоқаманд ба рӯзгору осор, маҳорату истеъдод ва мавқеи адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Дар диссертатсия нахустин бор дар саҳбошиносӣ ба ҷиҳатҳои сохторию шаклӣ, мавзуӣ-мундариҷавӣ, сабкию бадеӣ ва поэтикии ашъори гуногунжанри адиб таваҷҷуҳи махсус дода шуда, дар такя ба матни осори манзуми Мирзо Ҳайити Саҳбо, ҳунари шоирӣ ва маҳорати нигорандагии ӯ таҳқиқ шудааст.

Унвонҷӯ дар давраи тадқиқоти илмӣ масъулиятшиносӣ, қавииродагию кордонӣ нишон дода, мустақилона кӯшиш ба харҷ додааст, то дар мисоли эҷодиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо оид ба масоили марбут бар жанрҳои шеъри суннатӣ ва махсусиятҳои сабкӣ, бадеӣ ва поэтикии онҳо андешаҳои илмии хешро иброз намуда, дурустии фарзияҳои пешниҳоднамудаашро аз ҷиҳати илмӣ собит намудааст.

Мақолаҳои илмии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Муқаррароти асосӣ, натиҷа ва хулосаҳои тадқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар 9 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба табъ расонида шуда, манзури мутахассисони соҳа, инчунин доираи васеи хонандагон қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, ҳамчун роҳбари илмӣ тадқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шарифро баанҷомрасида ва мусбат арзёбӣ намуда, онро ба муҳокима ва дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) тавсия медиҳам.

**Роҳбари илмӣ: номзади**
**илмҳои филологӣ, дотсенти**
**кафедраи адабиёти тоҷики**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав»** **Наимзода Қ.Қ.**

**Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Ҷ.Румӣ,хоиаи 8/21.**
**Тел: 931-58-25-84; E-mail: furugh2000@mail.ru**

**Имзои Қ. Наимзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи**
**Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ. А.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи**
**давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; E-mail: bqu-1978@mail.ru**

**14 декабри соли 2023**